**аз 20.04.2016, №126**

**«Оиди ҳадди миёнаи гаронии андоз»**

Мутобиқи муқаррароти моддаи 89 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади дуруст ба роҳ мондани корҳои ташкилию назоратии мақомоти андоз, аз ҷумла ҳангоми банақшагирӣ ва гузаронидани санҷишҳои ҳуҷҷатии андоз, баланд бардоштани сифати гузаронидани санҷишҳо, назорати камералӣ ва дигар шаклҳои назорати андоз, инчунин баланд бардоштани масъулияти кормандони мақомоти андоз ва андозсупорандагон,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Ҳадди миёнаи гаронии андоз дар соҳаҳои фаъолият мутобиқи Замимаи №1 ба Фармоиши мазкур тасдиқ карда шавад.

2. Раёсати санҷиши андозҳо ва мақомоти ҳудудии андоз ҳангоми гузаронидани корҳои назоратӣ ва банақшагирии санҷишҳои ҳуҷҷатии андоз нишондоди ҳадди миёнаи гаронии андоз дар соҳаи фаъолиятро ҳамчун критерияи асосӣ барои баҳодиҳии сатҳи хавфи қонунвайронкуниҳои андоз дар фаъолияти андозсупорандагон, дар мадди аввал ба инобат гиранд.

3. Раёсати санҷиши андозҳо ва мақомоти ҳудудии андоз ҳангоми гузаронидани санҷишҳои ҳуҷҷатии андоз меъёрҳои муайянгардидаи ҳадди миёнаи гаронии андозро тибқи замима ба Фармоиши мазкур риоя намоянд.

4. Раёсати санҷиши андозҳо ва мақомоти ҳудудии андоз ҳангоми гузаронидани санҷишҳои ҳуҷҷатии андоз талаботи моддаи 24 Кодекси андоз ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.05.2013, №212 “Дар бораи Тартиби муайянкунӣ ва истифодабарии нархҳои бозорӣ барои мақсадҳои андозбандӣ”-ро риоя намоянд.

5. Дар ҳолати мавҷуд будани маълумотҳои асоснок оиди нодуруст ҳисоб шудани андозҳо новобаста аз мутобиқат кардани андозҳои ҳисобшудаи андозсупоранда бо ҳадди миёнаи гаронии андоз дар давраe, ки таҳти санҷиши ҳуҷҷатии андоз қарор дода шудааст, бо пешниҳоди хулосаи асоснок аз ҷониби Раёсати санҷиши андозҳо ва роҳбари мақоми ҳудудии андоз мутобиқ ба талаботи қисми 10 моддаи 29 Кодекси андоз нисбати чунин андозсупоранда санҷиши такрории ҳуҷҷатии андоз гузаронида мешавад.

6. Санчишҳои ҳуҷҷатии андозсупорандагоне, ки дар фаъолияташон аломатҳои муқарраргардидаи хавф ҷой надоранд, мутобиқи даврияти санчишҳо тибқи моддаи 29 Кодекси андоз бо назардошти муҳлати мурури даъво, ки моддаи 66 Кодекси андоз муқаррар намудааст, амалӣ карда мешаванд.

7. Санчишҳои ғайринақшавии ҳуҷҷатӣ ва ё такрории андоз тибқи муқаррароти қисмҳои 8 - 10 моддаи моддаи 29 Кодекси андоз дар ҳолатҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

- бо дархости асосноки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;
- дар асоси аризаи хаттии худи андозсупоранда оиди гузаронидани санчиши ҳуҷҷатии андоз;
- ҳангоми қатъ гардидани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ, азнавташкилёбӣ ё барҳам хурдани шахси ҳуқуқӣ.

8. Масъулияти татбиқи талаботи Фармоиши мазкур ба зиммаи сардорони воҳидҳои мақомоти андоз ва кормандони масъули мақомот, ки санчиши андозро мегузаронанд гузошта шуда, дар сурати риоя нагардидани талаботи Фармоиши мазкур нисбати онҳо чораҳои қатъии интизомӣ андешида мешавад.

9. Шӯъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ Фармоиши мазкурро ба раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз дастрас намояд.

10. Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон Фармоиши мазкурро барои маълумоти андозсупорандагон дар сомонаи Кумитаи андоз ҷойгир намуда, дар Ҳафтавораи “Боҷу хироҷ” ба чоп расонад.

11. Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 14.07.2014, №202 аз эътибор соқит дониста шавад.

12. Назорати иҷрои Фармоиши мазкурро ба зиммаи худам вогузор менамоям.

Раис Н. Давлатзода

Замимаи №1
ба Фармоиши Раиси Кумитаи
андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «20» апрели соли 2016, №126

**Ҳадди миёнаи гарони андоз дар соҳаи фаъолият**
(бо ҳисоби на кам аз ___%)

| № | Соҳаи фаъолият | | Меъёри ҳадди миёнаи гаронии андоз |
|---|---|---|---|
| 1 | **Хизматрасонӣ** | | |
| | | **Фаъолияти алоқа** | **40** |
| | | **Бонк:**<br>-бонкҳо<br>-ташкилотҳои амонатии қарзии хурд | <br>**12**<br>**10** |
| | | **Нақлиёт:**<br>- заминӣ,<br>- ҳавоӣ | <br>**10**<br>**15** |
| | | - меҳмонхонаҳо<br>-чиптафурӯшӣ | **15**<br>**10** |
| | | Соҳаи савдо (хариду фурӯш) | **4,0** |
| | | Дигар намудҳои хизматрасонӣ, | **10** |
| 2 | **Саноат** | | |
| | | Истеҳсоли молҳои зераксизӣ | **26** |
| | | Истихроҷи канданиҳои фоиданок | **22** |
| | | Дигар намудҳои фаъолияти истеҳсолӣ | **10** |
| 3 | **Энергетика** | | **22** |
| 4 | **Сохтмон** | | **12** |
| 5 | **Ҳангоми фаъолият дар низоми соддакардашудаи андозбандӣ** | | **7** |

**Эзоҳ:**

1. Гаронии андоз бо роҳи ҳисобнамудани таносуби ҷамъи андозҳои ҳисобнамудаи андозсупоранда нисбат ба даромади умумии андозсупоранда дар соли андоз (давраи зери санҷиш қарор дода шаванда), муайян карда мешавад:

**ГА =(АХ/ДУ) х 100%,**

Дар ин ҷо:

**ГА** – гаронии андоз;

**АХ** – андозҳоиҳисобнамудаи андозсупоранда;

**ДУ** – даромади умумии андозсупоранда.

а) Ҳангоми ҳисоб намудани ҳадди миёнаи гаронӣ андозҳо зерин ба инобат гирифта намешаванд:

- андоз аз арзиши иловашудаи ҳангоми ба рисмаятдарории гумрукии молҳо пардохтнамудаи андозсупоранда, ки баъдан дар таҳвили минбаъда баҳисоб гирифта мешавад ва ё ба таркиби хароҷот дохил карда мешавад;
- андозҳое, ки андозсупоранда ҳамчун агенти андоз аз манбаи пардохт нигоҳдошта ба буҷет пардохт менамояд (андоз аз даромади шахсони воқеии кироякор, ААИ ва андоз аз даромади ғайрирезидентҳо, суди саҳмияҳо, фоизҳо ва ғайра).

б) Дар сурати аз имтиёзҳои андозӣ, истифода намудани андозсупоранда, асоснокии он баррасӣ гардида, нусхаи маълумотномаи имтиёзҳои андозӣ, ки Кодекси андоз муқаррарнамудааст ба санад (маълумотнома) аз натиҷаи корҳои назоратӣ замима карда мешавад.